Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ТАҚРИЗ**

**ба автереферати диссертатсияи Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).**

Автореферати диссертатсияи З.М. Соибов аз таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад, ки дар шароити муосир яке аз масъалаҳои мубрам ва таҳлилталаби илми ҳуқуқи маъмурӣ ба шумор меравад. Ташкили идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ асосан ба танзим ва рушди фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва ҳалли дигар вазифаҳои муҳимми давлатӣ алоқаманд буда, дар заминаи тадбирҳои гуногуни хусусияти муъмурӣ-ҳуқуқидошта амалӣ мегардад.

Дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии ташкили идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ташаккул ёфта, қонунгузории танзимкунандаи он мустаҳкам гардиданд. Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои ҳуқуқи байналмилалиро эътироф намудааст, ки меъёрҳои онҳо дар қонунгузории вобаста ба фаъолияти гумрукӣ давра ба давра инъикос гариданд. Ҳамзамон, дар ин раванд мақоми ваколатдор оид ба фаъолияти гумрукӣ таъсис гардид, ки татбиқи ваколатҳоро дар соҳаи мазкур амалӣ менамояд. Вобаста ба ин, бо назардошти рушди фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва фаъолияти гумрукӣ, пайдоиши муносибатҳои нав ба нав дар ин соҳаҳо, ҳамзамон авҷгирии мушкилоти дахлдор, ки хислати глобалиро касб намудаанд ва таҳдиду хатарҳо ба ҷомеа ва ҳуқуқу манфиатҳои инсон эҷод кардаанд,

накши фаъолияти гумрукӣ ва ташкили идоракунии давлатии самараноки он муҳим арзёбӣ мешавад. Аз ҳамин лиҳоз таҳлил, омӯзиш ва таҳқиқи амиқ ва пурраи масъалаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ аз нигоҳи муҳим буда, ба муайян намудани мушкилот, норасоиҳо ва монеагиҳо, сабабу омилҳои ба рушди ин самт таъсиркунанда ва таҳияи консепсия ва андешаҳои асосноки илмӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ равона мегардад.

Муаллиф мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дуруст муайян намудааст, ки пурра ба мазмуни масъалаи таҳқиқот мувофиқат менамояд. Ҳамчунин сохтори рисола бонизом тарҳрезӣ гардида, масъалаҳои муҳим ва асосии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз нигоҳи ҳуқуқи маъмурӣ фаро мегиранд.

Дигар қисмати ҷолиби диққати таҳқиқоти диссертатсионӣ ин нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллиф хусусияти назариявӣ ва амалӣ доранд, ки аҳаммияти муҳимми илмӣ дошта, метавонанд дар илми ҳуқуқи маъмурӣ, таълими фанни ҳуқуқи маъмурӣ ва назарияи идоракунии давлатӣ, такмили қонунгузории амалкунандаи кишвар, хусусан Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, ва фаъолияти амалии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода гарданд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми илми муосир «идоракунии давлатӣ» мебошад, ки муаллиф дар доираи зербоби алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионии худ тавонистааст, ки фаҳмиши онро дар ҳуқуқи маъмурӣ таҳлил карда, ба хулоса омадааст, ки идоракунии давлатӣ падидаи муҳимтарини илми ҳуқуқи маъмурӣ маҳсуб ёфта, инъикосгари фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, яъне мақомоти ҳокимияти иҷроия мебошад, ки ҷавҳари асосии онро таъсиррасонӣ ташкил медиҳад. Дар воқеъ ин андешаи муаллиф қобили дастгирӣ буда, фаҳмиши идоракунии давлатиро дар ҳуқуқи маъмурӣ мушаххас менамояд.

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ мафҳумҳои гуногун дар доираи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ аз ҷониби муаллиф таҳия гардидаанд, ки аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дошта, метавонанд дар сатҳи қонунгузории кишвар инъикос карда шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии гуногун дар шакли маърузаҳо аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидаанд. Инчунин, муаллиф масъалаҳои гуногуни таҳқиқоти худро дар монографияҳои илмӣ, нашриҳои гуногун, аз ҷумла маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Теъдоди мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида ва маърӯзаҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ҷавобгӯ ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мебошад.

Таҳлили автореферати диссертатсия нишон дод, ки дар боби аввали он масъалаи фаъолияти гумрукӣ ва таносуби он бо сиёсати гумрукӣ баррасӣ ва таҳлил гардидааст. Аммо, дар иртибот бо ин, масъалаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи мазкур дар таҳқиқоти диссертатсионӣ равшан нагардидааст. Бо назардошти ин, мехостам андешаи муаллифро вобаста масъалаи зикршуда дар рӯзи ҳимояи таҳқиқоти диссертатсионӣ фаҳмам.

Дар маҷмуъ таҳқиқоти диссертатсионӣ рисолаи илмии мукаммал ва аз нигоҳи илми ҳуқуқи маъмурӣ устувор таҳия шуда, ягонагии дохилӣ ва мазмуниро доро аст, ки бо шаклу услуби баланди илмӣ пешниҳод гардидааст. Масъалаи мазкур дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бори аввал таҳқиқ гардида, ба рушди илми ҳуқуқии кишвар, махсусан илми ҳуқуқи маъмурӣ мусоидат менамояд.

Автореферати таҳқиқоти диссертатсонии мазкур дар сатҳи баланди мазмунӣ ва илмӣ, ҳамзамон бо забони илмии оммафаҳм таҳия гардида, таҳқиқоти анҷомёфтаи илмиро аз ҷониби муаллиф нишон медиҳад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло таҳқиқоти диссертатсионии Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ» ба талаботи бандҳои 32-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад.

Мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент — Элназаров Д.Х.

Имзои Д.Х. Элназаровро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон — Раҳимов А.А.

28.03.2023с.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,734025, ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30 Телефон: +992 227 53 37; +992 227 86 48
Суроғаи электронӣ: p.rektora@mail.ru; sabkar@list.ru